**Тақриз**

**ба автореферати Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа [PhD], доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Накши категорияҳои феъл дар асарҳои зиёди муаллифон, ки фарогири омӯзиши хусусиятҳои синтаксисӣ мебошанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Онҳо назарҳои худро дар забон аз диди худашон бо мисолҳо таҳлил намуда, роҳҳои осонтар аз худ намудани системаи феълро бо навгониҳо нишон додаанд.

Чунон ки муаллиф зикр намудааст, муҳаққиқ В. Д. Аракин чунин қайд мекунад: "Дар охирҳои давраи миёна ва аввали давраи муосири забони англисӣ бо серистеъмол гардидани омониму калимаҳои гуногун ва пайдо шудани феълҳои ёридиҳандаи "will, would, shall" ва "should" аксари бандакҳои феълӣ аз байн рафтанд" [7, 187]. Ҳамзамон, ба ҷойи ҷонишини шахси дуюми шумораи танҳо "thou", шумораи ҷамъ "you" истифода мешавад. Мисол: "I have" (ман дорам), "thou hast" (ту дорӣ), "he has" (вай дорад). Шумораи танҳои шахси дуюми феъл бандакҳои "-est", "-st", баъзан "-t": "speakest" (гап мезанӣ)-ро қабул менамуд, ки айни ҳол онҳо шакли архаистӣ ба шумор меравонд. Ҳоло ба ҷойи онҳо ҷонишини "you" бо феъли ёридиҳандаи "to be" истеъмол мегардад (саҳ. 6).

Таъриф ва ворид намудани истилоҳи нав бо номи «категорияи шахсу шумораи феъл» дар забоншиносии муосир аз тарафи олимони амрикоиву аврупоӣ қабул нагардид. Балки, рисолаи номзадии Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» унвон гирифта, муқаддима, се боб, 14 фасл ва хулосаву феҳристи адабиётро фарогир шуд.

Дар **муқаддима** роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ

ва амалии таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, коркарди мавзуъ, методҳои таҳқиқ, маводи асосии таҳқиқ маълумот дарҷ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия - **«Таҳқиқи масъалаҳои назарии категорияи шахс ва шумора дар низоми феъл»** муаллиф ба пажуҳиши масоили назариявии мавзуъ рӯ оварда, нахуст фикру андешаҳояшро роҷеъ ба мафҳуми феъл ҳамчун воҳиди олиташаккули синтаксис баён намуда, сипас, ҷумлаҳои бо шахсу шумораи феъли забонҳои муқоисашавандаро гурӯҳбандӣ кардааст. Шеваву усули таҳлил, тартиби баёни фикру андешаҳои муаллиф ҷолиби диққат буда, ҳангоми ошноӣ бо матни рисола маълум гардид, ки омӯзиши масоили назариявии мавзуъ пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия - **«Воситаҳои ифодаи категорияҳои шахс ва шумораи феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ»** категорияҳои шахс ва шумораи феълӣ муносибати забонҳои муқоисашаванда дастабандӣ шуда, хосиятҳои типологии онҳоро муаллиф бо мисолҳои равшану возеҳ муайян намудааст. Яке аз ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф ҳангоми таҳлили мисолҳо муодили англисии онҳоро пайдо намуда, номувофиқати ва тафовути феълҳо ва роҳҳои ифодаи онҳоро ошкор сохтааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Вазифаҳои категорияҳои шахс ва шумора дар низоми дастурии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» номгузорӣ шуда, муаллиф дар он категорияҳои шахс ва шумора дар низоми дастурии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ёдовар мешавад. Масалан, ҳангоми таҳқиқи категорияҳои шахс ва шумора дар низоми феълӣ, муаллиф хусусиятҳои маъноии ин намуди феълро аз нигоҳи муқоиса таҳлил намуда, умумияту монандии онҳоро қайд кардааст. Ҳамзамон дар ин боб муаллиф нақши вожаҳои ҳамнисбат ва феълҳоро дар ташаккули грамматика муайян намудааст.

Автореферат гарчанде ки арзиши баланди илмӣ дошта бошад ҳам, дар он баъзе норасоиву камбудиҳо ҷой доранд, ба монанди:

1. Дар матни автореферат баъзан ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ҷой доранд.

2. Дар с. 26-и варианти русии фишурда калимаи “категориии” як ҳарфи “и” бар зиёд омадааст.

3. Дар рисола иқтибосҳо бо рақам нишон дода шудааст, аммо дар автореферат иқтибосҳои бадеӣ бо номи муаллиф, соли нашр ва саҳифа омадааст.

Бояд тазаккур дод, ки эродҳои зикршуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муҳаққиқро пурра бозгӯ менамоянд.

Ҳамин тариқ, автореферати Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа [PhD], доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарова Рухшона Бегназаровна

Имзои Р. Б. Сафароваро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Фаромӯз Зоирхонович

Суроға: 734003 ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33 www.apa.tj
Тел.: (992 37) 224-17-86
Телефон: 917-09-02-99;
Email: Raksana@list.ru
«21» августи соли 2024